**ХУЛОСАИ**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия Г.Н. Зокиров - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, аъзо Н.Қ. Амонов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва Ҳ.А. Зайтметов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи он муқаррар карда шудааст.

Дар шароити замони муосир дар рушди самараноки сатҳи таълим ва баланд бардоштани сифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ омӯзиши типҳои мизоҷ, зуҳуроти хосиятҳо ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онҳо дар раванди таълиму тарбия муҳим мебошанд. Ин талабот ба таквияти арзишҳои маънавию ахлоқии таълимгирандагон мусоидат мекунад. Инчунин, дар оянда, ҳангоми ба назар гирифтани чунин омӯзиш аз ҷониби омӯзгорон ва шахсони муттасадӣ, ки бештар бо хонандагон кору фаъолият мебаранд, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос замина мегузорад.

Ҷомеаи муосир, ки раванди мураккаб ва муқовиматомези рушди демократиро аз бар мегирад, яке аз принсипҳои асосии он эътироф ва риояи баробарии занону мардон дар ҳама самтҳо мебошад, ки бояд аз хурдсолӣ ташаккул ёбад. Дар ин ҷода принсипҳои муносибати гендерӣ дар рафти азхудкунии дониш нақши ҳалкунанда мебозанд.

Татбиқи роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълиму тарбияи шахс дар шароити навсозии мазмуни таҳсилот ва дигаргунии шарту шароит ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳаммияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Таҳсилоти гендерӣ ба ҳалли бисёр мушкилоти муҳимми психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва зарурати инкишофи он дар ҷамъомадҳои педагогӣ торафт бештар муҳокима мешавад. Бо вуҷуди ин, дар кишвари мо таълими муносибати гендерӣ дар таҳсилоти мактабӣ ҳанӯз ҳам камёб аст. Дар Ғарб таълими гендерӣ ҳанӯз аз кӯдакистон оғоз мешавад. Таълими ба баробарии гендерӣ нигаронидашуда қодир аст дар насли наврас шуури баробарҳуқуқиро ташаккул диҳад.

Дар китобҳои дарсии психология, педагогика ва воситаҳои таълимӣ одатан фарқияти фаъолияти маърифатии хонандагони синну соли гуногун нишон дода шудаанд, аммо дар бораи тафриқаи байни духтарону писарон дар ҷодаи азхудкунии дониш маълумоти нокифоя ба назар мерасад. Духтарону писарон дорои хусусиятҳои гуногуни психикӣ, маърифатӣ ва ҳолатҳои эҳсосотӣ мебошанд, ки дар навбати худ бо таркиби гуногуни сохторӣ ва функсионалии ҷинси занона ва мардона муайян карда мешаванд. Маҳз дар кори диссертатсионии Х.Х. Бобоёров масъалаи мазкур амиқу дақиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар доираи масъалаҳои зикргардида мубрамияти онро собит месозанд.

**Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович комиссияи экспертӣ чунин пешниҳодот ирсол менамояд:**

1. Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» тибқи талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба хусусиятҳои гендерии мизоҷи наврасон пайвасти ногусастанӣ ва доимӣ доранд. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта

буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи психологиро дар самти таҳқиқи азхудкунии дониш вобаста ба типҳои мизоҷи наврасон дар заминаи омӯзиши гендерӣ фаро мегирад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 уми июли соли 2024, таҳти № 223/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 9 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро дар раванди таҳқиқи масъала нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 9 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Бобоёров Холмаҳмад Холиқович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

5. Мулоҳизаю хулосаҳое, ки дар рисолаи илмӣ оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар зинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти таҳқиқи мавҷудияти тафриқаҳо байни намояндагони гуногуни ҷинсӣ, мавҷудияти тағйироти синнусолӣ дар мизоҷ бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ, суръати баланди фаъолияти таълимии хонандагон дар давраи наврасӣ метавон истифода кард.

6. Рисола ба талаботи банди 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқарраротӣ барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи кори диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст ба ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат менамоянд.

Комисссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комисссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи

шахсият, таърихи психология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Қодиров Ботир Раҳмонқулович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психологияи филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов дар ш.Тошканд;
- **Абдураҳмонов Гулруз Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои психологӣ, дастурдиҳандаи ҶДММ “Менеҷменти технологӣ”.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода пешниҳод карда мешавад.

4. Барои нашри эълони ҳимоя, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо хукуки дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Амонов Н.Қ.

номзади илмҳои психологӣ, дотсент Зайтметов Ҳ.А.

“21” июни соли 2025

*“Имзои Г.Н. Зокиров ва Н.Қ. Амоновро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

*“Имзои Ҳ.А. Зайтметовро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров Сайдуллозод З.С.